**ВАЗОРАТИ ТАНДУРУСТӢ ВА ҲИФЗИ ИҶТИМОИИ АҲОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**

**734025, ш. Душанбе, к. Шевченко 69, тел. (3772 ) 21-18-35, факс ( 3772 ) 21-75-25**

# ФАРМОИШ

аз «_____»__________соли 2019 №_____ ш.Душанбе

Дар бораи тасдиқ намудани Тартиби ташкили мониторинг, баҳодиҳӣ ва таҳлили вазъи нашъамандӣ

Бо мақсади тақвияти системаи давлатии мониторинг, баҳодиҳӣ ва таҳлили вазъи нашъамандӣ, дар асоси қисми 2-и моддаи 207 Кодекси тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва банди 10-и Низомномаи Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Точикистон аз 3 марти соли 2014, №148 тасдиқ шудааст,

**Ф А Р М О И Ш М Е Д И Ҳ А М:**

1. Тартиби ташкили мониторинг, баҳодиҳӣ ва таҳлили вазъи нашъамандӣтасдиқ карда шавад (замима мегардад).
2. Фармоиши мазкур ҷиҳати бақайдгирии давлатӣ ба Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод карда шавад.
3. Ба сардорони Раёсатҳои тандурустӣ ва шӯъбаю бахшҳои ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ дар Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳои Суғду Хатлон, шаҳри Душанбе ва шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ, директорони марказҳои миллӣ ва ҷумҳуриявӣ, роҳбарони шабакаҳои кӯмаки авалияи тиббию санитарӣ ва сартабибони беморхонаҳои ҷумҳуриявӣ ва ноҳиявӣ, роҳбарони муассисаҳои таълимии тиббӣ, Пажӯҳишгоҳҳои илмию тадқиқотӣ, роҳбарони муассисаҳои ташхисию табобатӣ, фарматсевтӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ новобаста аз шакли моликият ва тобеияти идоравиашон, ки дар фаъолияташон муомилот бо воситаҳои нашъадор, моддаҳои психотропӣ, сахттаъсир, заҳрнок ва прекурсорҳо, инчунин, пешгирӣ, ташхис, дарёфт, баҳисобгирӣ, табобат, барқарорсозии тиббию иҷтимоии бемориҳои нашъамандӣ, бемориҳои ҳамрадиф ва ҳолати фавти вобаста ба маводи нашъаовар, барномаҳои паст кардани зарар ҷой дорад, супориш медиҳам:

1) фаъолият оид ба муомилоти воситаҳои нашъадор, моддаҳои психотропӣ, сахттаъсир, заҳрнок ва прекурсорҳо дар доираи талаботҳои санадҳои меъёрию ҳуқуқии муқарраргардида дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ба роҳ монда шавад. Мӯҳлат доимӣ;

2) фаъолият оид ба пешгирӣ, ташхису дарёфт, баҳисобгирӣ ва назорати пайвастаи табобату барқарорсозии тиббию иҷтимоии бемории нашъамандӣ тибқи талаботҳои санадҳои меъёрию ҳуқуқии муқарраргардида дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, дар ҳамбастагии зич ва ҳамоҳангӣ бо Муассисаи давлатии «Маркази миллии мониторинг ва пешгирии нашъамандӣ»-и Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба роҳ монда шавад. Мӯҳлат доимӣ;

3) маълумотҳои семоҳа ва солонаро тибқи талаботи Тартиби ташкили мониторинг, баҳодиҳӣ ва таҳлили вазъи нашъамандӣ, ки дар банди 1-и фармоиши мазкур тасдиқ гардидааст, на дертар аз таърихи 5-уми моҳи баъдии семоҳаи ҳисоботӣ ва маълумоти солона оид ба як соли пешро, ҳамасола то 10 январ ба Муассисаи давлатии «Маркази миллии мониторинг ва пешгирии нашъамандӣ»-и Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод намоянд. Мӯҳлат доимӣ.

4. Ба Директори Муассисаи давлатии «Маркази миллии мониторинг ва пешгирии нашъамандӣ»-и Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон супориш дода шавад:

1) фаъолиятиташкилоту идораҳо, муассисаҳои давлативу ғайридавлатие, ки дар самти муомилоти воситаҳои нашъадор, моддаҳои психотропӣ, сахттаъсир, заҳрнок ва прекурсорҳо, инчунин, пешгирӣ, ташхис, дарёфт, баҳисобгирӣ, табобат, барқарорсозии тиббию иҷтимоии бемориҳои нашъамандӣ, бемориҳои ҳамрадиф ва ҳолати фавти вобаста ба маводи нашъаовар, барномаҳои паст кардани зарарро, мониторинг ва ҳамоҳанг намояд. Мӯҳлат доимӣ;

2) ҷиҳати таъсиси махзани ягонаи маълумотӣ оид ба мониторинг, баҳодиҳӣ ва таҳлили вазъи нашъамандӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон чораҳои зарурӣ андешад. Мӯҳлат доимӣ;

3) ҷамъоварии пайвастаи маълумотҳо ва ҳисоботҳоро (мутобиқ ба замимаҳои 1-5 ва шаклҳои аз 1-8) ба махзани ягонаи иттилоотӣ оид ба мониторинг, баҳодиҳӣ ва таҳлили вазъи нашъамандӣ аз вазорату идораҳои марбута, муассисаҳои тиббию санитарӣ ва фарматсевтии давлативу ғайридавлатие, ки дар самти муомилоти воситаҳои нашъадор, моддаҳои психотропӣ, сахттаъсир, заҳрнок ва прекурсорҳо, пешгирӣ, ташхис, дарёфт, баҳисобгирӣ, табобат, барқарорсозии тиббию иҷтимоии бемории нашъамандӣ, бемориҳои ҳамрадиф ва ҳолати фавти вобаста ба маводи нашъаовар ва барномаҳои паст кардани зарар фаъолият менамоянд, таъмин намояд. Мӯҳлат доимӣ;

4) мониторинг, баҳодиҳӣ ва таҳлили вазъи нашъамандиро мутобиқи талаботи «Тартиби ташкили мониторинг, баҳодиҳӣ ва таҳлили вазъи нашъамандӣ» ба роҳ монад. Мӯҳлат доимӣ;

5. Ба сардори шӯъбаи коргузорӣ, назорат ва корҳои махсуси Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон супориш дода шавад, ки фармоиши мазкурро пас аз бақайдгирии давлатӣ нусхабардорӣ намуда, ба сохтори дахлдори вазорат дастрас намояд.

6. Аз рӯзи бақайдгирии фармоиши мазкур, Фармони Вазорати тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тартиби пешниҳоди ҳисоботҳо оиди фаъолият дар соҳаи муомилоти қонунии воситаҳои нашъадор, моддаҳои психотропӣ ва прекурсорҳо аз тарафи шахсони ҳуқуқии соҳаи тандурустӣ» аз 29 августи соли 2001, № 229 ва Фармони Вазорати тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оиди тасдиқ намудани шаклҳои ҳисобот» аз 5 декабри соли 2008, №781 аз эътибор соқид дониста шаванд.

7. Назорати иҷрои фармоиши мазкур ба зиммаи муовини аввал ва муовинони вазир гузошта шавад.

Вазир Н.Олимзода

**Мувофиқа карда шуд:**

Муовини вазири тандурустӣ
ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии
Ҷумҳурии Тоҷикистон — А. Одиназода

Сардори Раёсати ташкили
хизматрасонии тиббӣ ва
технологияҳои муосир — Ш. Шарипов

Сардори Шӯъбаи ҳуқуқ — Ш. Рабиев

Директори Муассисаи давлатии
«Маркази ҷумҳуриявии омор
ва иттилооти тиббӣ» — Манонов С.Т.

**Иҷрокунанда:**

Директори Муассисаи давлатии
«Маркази миллии мониторинг ва
пешгирии нашъамандӣ» — М. Малахов

Замима
ба фармоиши Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон
аз «____»________ с.2019, №_____

**Тартиби**
**ташкили мониторинг, баҳодиҳӣ ва таҳлили**
**вазъи нашъамандӣ**

1. Тартиби мазкур дар асоси қисми 2 моддаи 207 Кодекси тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади ташкили мониторинг, баҳодиҳӣ ва таҳлили вазъи нашъамандӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия шудааст.

2. Натиҷаҳои мониторинг, баҳодиҳӣ ва таҳлили вазъи нашъамандӣ сарчашмаи асосии маълумотҳои ҳақиқӣ, холисона, боэътимод ва қиёсшаванда буда, имконият медиҳанд, дар Ҷумҳурии Тоҷикистон вобаста ба вазъӣ нашъамандӣ чорабиниҳои асосноккардашуда ба нақша гирифта шавад.

3. Мақсади баамалбарории мониторинг, баҳодиҳӣ ва таҳлили вазъи нашъамандӣ:

1. мушоҳидаи раванди тағйирёбии вазъ оид ба самти ишорашуда дар Ҷумҳурии Тоҷикистон;

2. муайян намудани ҳудудҳои паҳншавии ғайриқонунӣ ва истифодаи ғайритиббии маводҳои нашъадор дар Ҷумҳурии Тоҷикистон;

3. дар якҷоягӣ бо сохторҳои марбута, муайян намудани талаботи Тоҷикистон ба воситаҳои нашъадор ва моддаҳои психотропӣ;

4. ҷамъоварии системавии маълумот ва ҳисоботҳо:

- оид ба муомилоти қонунии воситаҳои нашъадор, моддаҳои психотропӣ, сахттаъсир, заҳрнок ва прекурсорҳо;

- оид ба пешгирӣ, ташхис, дарёфт, баҳисобгирӣ, табобат, барқарорсозии тиббию иҷтимоии бемориҳои нашъамандӣ, бемориҳои сироятӣ ва ҳолати фавти вобаста ба маводи нашъаовар, паст кардани зарар;

5. ошкорнамоӣ, пешгӯӣ ва баҳодиҳии хавфҳо ба амнияти миллӣ ва давлат вобаста ба муомилоти ғайриқонунӣ ва истифодаи ғайритиббии воситаҳои нашъадор, моддаҳои психотропӣ, сахттаъсир, заҳрнок ва прекурсорҳо;

6. баҳодиҳӣ оид ба босамарии сиёсати зиддинашъамандӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ташаккули пешниҳодот вобаста ба муносиб сохтани он.

4. Барои амалисозии мақсадҳои дар банди 3 нишондодашуда, Муассисаи давлатии «Маркази миллии мониторинг ва пешгирии нашъамандӣ»-и Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ бояд вазифаҳои зеринро иҷро кунад:

1) ташкили махзани ягонаи иттилоотӣ оид ба мониторинг, баҳодиҳӣ ва таҳлили вазъи нашъамандӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон;

2) таъмини ҷамъоварии муттасили (беисти) маълумотҳо ва ҳисоботҳо (замимаҳои 1-5 ва шаклҳои 1-8) ба махзани ягонаи маълумотӣ оид ба мониторинг, баҳодиҳӣ ва таҳлили вазъи нашъамандӣ аз вазорату идораҳо, ташкилотҳои байналхалқӣ ва ғайридавлатии маҳаллӣ ва дигар муассисаву ташкилотҳо новобаста аз шакли ташкилӣ-ҳуқуқӣ ва тобеияти идоравиашон, ки дар самти муомилоти воситаҳои нашъадор, моддаҳои психотропӣ, сахттаъсир, заҳрнок ва прекурсорҳо, пешгирӣ, ташхис, дарёфт, баҳисобгирӣ, табобат, барқарорсозии тиббию иҷтимоии бемории нашъамандӣ, бемориҳои сироятӣ ва ҳолати фавти вобаста ба моводи нашъаовар ва паст кардани зарар фаъолият менамоянд;

3) ташкили системавии баҳодиҳӣ ва таҳлили вазъият, ҷараёнҳо ва ҳодисаҳои вобаста ба муомилоти воситаҳои нашъадор, моддаҳои психотропӣ, сахттаъсир, заҳрнок, прекурсорҳо, пешгирӣ, ташхис, дарёфт, баҳисобгирӣ, табобат, барқарорсозии тиббию иҷтимоии бемории нашъамандӣ, бемориҳои сироятӣ ва ҳолати фавти вобаста ба моводи нашъаовар ва паст кардани зарар;

4) ошкор намудани тамоюл ва омилҳои манфии раванди вазъи нашъамандӣ, хавфҳои нав ба амнияти миллӣ, ки дар натиҷаи муомилоти ғайриқонунӣ ва истеъмоли ғайритиббии воситаҳои нашъадор, моддаҳои психотропӣ, сахттаъсир, заҳрнок ва прекурсорҳо ба вуҷуд омадаанд;

5) дар муҳлати муқарраргардида, дар якҷоягӣ бо сохторҳои марбута муайян намудани талаботи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба воситаҳои нашъадор ва моддаҳои психотропӣ ва таҳияи пешниҳодҳо барои ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Квотаи давлатӣ оид ба воситаҳои нашъадор ва Квотаи давлатӣ оид ба моддаҳои психотропӣ;

6) пешгуии раванди вазъи нашъамандӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва таҳияи пешниҳодҳо оид ба пешгирии такмилёбии раванди манфии он.

5. Мониторинг, баҳодиҳӣ ва таҳлили вазъи нашъамандӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мутобиқи талаботҳои санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ мавҷуда ва асосҳои зерин ба амал бароварда мешавад:

1) маълумотҳои расмӣ ва шаклҳои ҳисоботии тасдиқгардида;

2) маълумотҳои махзани ягонаи иттилоотӣ оид ба мониторинг, баҳодиҳӣ ва таҳлили вазъи нашъамандӣ;

3) маводҳои таҳлилӣ-иттилоотӣ, маълумотҳои илмӣ ва тадқиқотҳои иҷтимоӣ бо назардошти баҳодиҳӣ ва хулосаҳои экспертӣ;

4) маълумотҳои ташкилотҳои байналмилалӣ, мақомотҳои салоҳиятдори байналмилалӣ, мақомотҳои салоҳиятдори давлатҳои хориҷӣ;

5) натиҷаҳое, ки ҳангоми гузаронидани мониторинг ва пурсишҳо ба даст омадаанд.

6. Мониторинг, баҳодиҳӣ ва таҳлили вазъи нашъамандӣ аз тарафи мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳои тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ дар тамоми ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ё минтақаи ҷудогонаи он амалӣ карда мешавад.

7. Дар рафти мониторинг мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи корҳои дохилӣ, маориф ва илм, фарҳанг, меҳнат ва шуғли аҳолӣ, назорати моводи нашъаовар, амнияти миллӣ, хадамоти гумрук, оид ба корҳои занон ва оила, телевизион ва радио, оид ба ҷавонон ва варзиш, мақомоти

иҷроияӣ ҳокимияти давлатӣ, ташкилотҳои байналхалқӣ ва ҷамъиятӣ иштирок карда метавонанд.

8. Мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ намуд, тартиб ва нақшаи гузаронидани мониторинг, баҳодиҳӣ ва таҳлили вазъи нашъамандиро муайян намуда, шакли пурсишномаро таҳия ва тасдиқ менамояд. Ҳангоми зарурият гурӯҳи корӣ таъсис медиҳад.

9. Натиҷаҳои мониторинг, баҳодиҳӣ ва таҳлили вазъи нашъамандӣ дар намуди ҳисобот ва маълумотномаҳои семоҳа ва солона ва ё шарҳи мухтасар тариқи чопӣ ва ё электронӣ барои истифода интишор карда мешавад.

Замимаи 1
ба фармоиши Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон
аз «____»________ с.2019, №_____

**ҲИСОБОТ**
**ОИД БА ВОРИДОТ ВА СОДИРОТИ ВОСИТАҲОИ НАШЪАДОР, МОДДАҲОИ ПСИХОТРОПӢ, САХТТАЪСИР, ЗАҲРНОК ВА ПРЕКУРСОРҲО**

Оид ба тартиби таҳияи замимаи №1 «Ҳисобот оид ба воридот ва содироти воситаҳои нашъадор, моддаҳои психотропӣ, сахттаъсир, заҳрнок ва прекурсорҳо», ки ҳисоботҳо бо таври хаттӣ коркард ва бо имзои роҳбар дар шакли №1 тасдиқ гардидапур карда ба Муассисаи давлатии «Маркази миллии мониторинг ва пешгирии нашъамандӣ»-и Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, пешниҳод карда мешавад. Тартиби ташкили мониторинг, баҳодиҳӣ ва таҳлили вазъи нашъамандӣ, дар асоси қисмати 2-юми моддаи 207 Кодекси тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва бандҳои 1.8 ва 2.2-и Нақшаи чорабиниҳои асосии иҷрои Барномаи соҳавӣ оид ба амалигардонии Стратегияи миллии мубориза бар зидди гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2013-2020, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 апрели соли 2017, №211 ба тасвиб расидааст,таҳия карда шудааст.

Тартиби мазкур барои муассиса ва ташкилотҳои соҳаи тандурустӣ новобаста аз шакли моликият ва тобеияти идоривияшон, ки барои воридот ва содироти маводҳои доруги нашъадор, моддаҳои психотропӣ, сахттаъсир, заҳрнок ва прекурсорҳо иҷозатнома доранд, ҳатми мебошад.

Масъулияти дуруст ва саривақт пешниҳод намудани ҳисобот ба зиммаи роҳбарони муассиса ва ташкилотҳои соҳаи тандурустӣ новобаста аз шакли моликият ва тобеияти идоривияшон, кимаводҳои доруги нашъадор, моддаҳои психотропӣ, сахттаъсир, заҳрнок ва прекурсорҳоро ба Ҷумҳурии Тоҷикистон воридот ва аз Ҷумҳурии Тоҷикистон содирот мекунанд, гузошта мешавад.

**Тартиби пешниҳод намудани ҳисобот**

1. Муассиса ва ташкилотҳои соҳаи тандурустӣ новобаста аз шакли моликият ва тобеияти идоривияшон, ки барои воридот ва содироти маводҳои доруги нашъадор, моддаҳои психотропӣ, сахттаъсир, заҳрнок ва прекурсорҳо, ки дорои иҷозатнома мебошанд, ҳисоботҳоро ба Муассисаи давлатии «Маркази миллии мониторинг ва пешгирии нашъамандӣ»-и Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, на дертар аз санаи 5-уми моҳи баъдии семоҳаи ҳисоботӣ ва ҳамасола то 10-уми январ

маълумоти солона оид ба як соли пешро мутобиқ ба шакли №1, пешниҳод намоянд.
2. Тибқи тартиби муқараргардида дар сарҳади гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон ворид намудани воситаҳои доругии нашъадор, моддаҳои психотропӣ, сахттаъсир, заҳрнок ва прекурсорҳо бо мақсади истифодабари дар соҳаи тандурустӣ мақомоти воридкунанда дар мӯҳлати 10 рӯз аз санаи бақайдгирии маводҳои воридгардида ба Муассисаи давлатии «Маркази миллии мониторинг ва пешгирии нашъамандӣ»-и Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣнусхаи «Шаҳодатнома барои воридот» бо нишондоде, ки аз кадом давлат ворид карда шудааст ва дар рӯйхати мақомоти гумрук оиди бақайдгирии воридотӣ (таърихи рӯз, имзо ва нусхаи шахсии рақами мӯҳри шахси мутасадии мақомоти гумрукии ба рӯйхат гиранда), пешниҳод намоянд.
3. Масъулияти дуруст ва саривақт пешниҳод кардани ҳисобот ба зиммаи роҳбарони муассиса ва ташкилотҳои соҳаи тандурустӣ новобаста аз шакли моликият ва тобеияти идоривияшон, ки барои воридот ва содироти маводҳои дорӯгии нашъадор, моддаҳои психотропӣ, сахттаъсир, заҳрнок ва прекурсорҳо масъул мебошанд, гузошта мешавад.

**Қисми шиносномавии ҳисобот**

Барои риоя накардани тартиби пешниҳоди ҳисоботи муқаррааргардида ва пешниҳод накардан ё саривақт пешниҳод накардан, инчунин нодуруст пешниҳод намудани ҳисобот ё дигар маълумоти зарурӣ, ки барои гузаронидани мониторинг, баҳодиҳӣ ва таҳлили вазъи нашъамандӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон зарур мебошад, мутобиқи талаботҳои санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ,роҳбарони муассиса ва ё ташкилот, ҷавобгар мебошанд!

**Тартиби пур намудани шакли ҳисоботӣ**

Шакли ҳисоботии №1 бо пур кардани:

а) давраи ҳисоботӣ, номи муассисаи ҳисоботдиҳанда, суроғаи электронӣ, суроғаи ҳуқуқии муассиса (телефон ва факс) ва иҷозатнома (рақами бақайдгирии мақоми иҷозатномадиҳанда, силсила, иҷозат барои воридот ё содирот, мухлати эътибори иҷозатнома);

б) ҷадвал ки аз 7 сутунча иборат аст, бо тартиби пур кардан дар сутунчаи 1 - № рақами тартибӣ, сутунчаи 2 - номгӯи воситаҳои доругии нашъадор, моддаҳои психотропӣ, сахттаъсир, заҳрнок ва прекурсорҳо, сутунчаи - 3 микдори маводи истифода, сутунчаи - 4 шакли маводи дорӯгӣ, сутунчаи - 5 моддаи холис (маводи доругии таъсиркунанда), сутунчаи - 6 воридот аз кадом давлат (номи пурраи давлат), сутунчаи -7 содирот ба кадом давлат (номи пурраи давлат) ва аз боло ба поён бо тартибаи муайян (воситаҳои доругии нашъадор, моддаҳои психотропӣ, сахттаъсир, заҳрнок ва прекурсорҳо);

в) маълумот дар сатрҳои зери ҷадвал бо дарҷ намудани ному насаби роҳбари муассиса бо имзои шахсӣ ва мӯҳри муассиса, ному насаб ва имзои шахси мутасаддӣ барои пешниҳоди ҳисоботҳо, рақами телефон ва санаи тартибдиҳии ҳисобот, ҷой карда мешавад.

Форма №1
Тартиби ташкили мониторинг, баҳодиҳӣ ва таҳлиливазъи нашъамандӣ, ки бо ФАРМОИШИ Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз «___»________2019сол, №_____ тасдиқ шудааст

ҲИСОБОТ
ОИД БА ВОРИДОТ ВА СОДИРОТИ ВОСИТАҲОИ НАШЪАДОР, МОДДАҲОИ ПСИХОТРОПӢ, САХТТАЪСИР, ЗАҲРНОК ВА ПРЕКУРСОРҲО ДАР СОЛИ 20____

Давра _________

_____________________________________________________________________________________________________

(номи муассиса/идора/ташкилот)

_____________________________________________________________________________________________________

Суроғаи электронӣ _____________________________________________________________________________________

Суроғаи муассиса _______________________________________________________________________________________

_____________________________________________________________________________________________________

(суроға, телефон, факс)

Иҷозатнома______________________________________________________________________________________________

_____________________________________________________________________________________________________

_____________________________________________________________________________________________________

| № р/т | Номгӯи маводи доругии нашъадор, психотропӣ, сахттаъсир, заҳрнок ва прекурсорҳо | Миқдор | Шакли маводи доругӣ | Моддаи холис | Аз кадом давлат | Ба кадом давлат |
|---|---|---|---|---|---|---|
| 1 | 2 | 3 | 4 | 5 | 6 | 7 |
| ВОСИТАҲОИ НАШЪАДОР | | | | | | |
| 1 | | | | | | |
| | | | | | | |
| МОДДАҲОИ ПСИХОТРОПӢ | | | | | | |
| 1 | | | | | | |
| | | | | | | |
| МОДДАҲОИ САХТТАЪСИР ВА ЗАҲРНОК | | | | | | |
| 1 | | | | | | |
| | | | | | | |
| ПРЕКУРСОРЫ | | | | | | |
| 1 | | | | | | |
| | | | | | | |

Роҳбари муассиса ___________________________ ____________________ Ҷ.М.

(Ному насаб) (имзо)

Шахси мутасаддӣ
оид ба ҳисобот ______________________ ____________________________ ___________________

(вазифа) (ному насаб.) (имзо)

____________________ «___»_______________________200__сол.

( рақами телефон) (санаи тартибдиҳӣ)

Замимаи 2
ба фармоиши Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон
аз «____»________ с.2019, №_____

**ҲИСОБОТ**
**ОИД БА МУОМИЛОТ ВА НОБУДСОЗИИ МАВОДҲОИ ДОРӮГИИ НАШЪАДОР, МОДДАҲОИ ПСИХОТРОПӢ, САХТТАЪСИР, ЗАҲРНОК ВА ПРЕКУРСОРҲО**

Оид ба тартиби таҳияи замимаи №2 «Ҳисобот оид ба муомилот ва нобудсозиимаводҳои дорӯгии нашъадор, моддаҳои психотропӣ, сахттаъсир, заҳрнок ва прекурсорҳо», ки ҳисоботҳо бо таври хаттӣ коркард ва бо имзои роҳбар дар шаклҳои №2,3,4 тасдиқ гардида пур карда ба Муассисаи давлатии «Маркази миллии мониторинг ва пешгирии нашъамандӣ»-и Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, пешниҳод карда мешавад. Тартиби мазкур бо мақсади ташаккулдиҳии системаи давлатии мониторинг, баҳодиҳӣ ва таҳлили вазъи нашъамандӣ, дар асоси қисмати 2-юми моддаи 207 Кодекси тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва бандҳои 1.8 ва 2.2-и Нақшаи чорабиниҳои асосии иҷрои Барномаи соҳавӣ оид ба амалигардонии Стратегияи миллии мубориза бар зидди гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2013-2020, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 апрели соли 2017, №211 ба тасвиб расидааст, таҳия карда шудааст.

Тартиби мазкур барои муассиса ва ташкилотҳои соҳаи тандурустӣ новобаста аз шакли моликият ва тобеияти идоривияшон, ки барои қабул, нигоҳдорӣ, фурӯхтан (чакана ва яклухт), паҳкунӣ, истифодабари (инчунин бо мақсади корҳои илмию таълимӣ, озмоишгоҳҳо, истифодабари дар соҳаи чорво)-и маводҳои дорӯгии нашъадор, моддаҳои психотропӣ, сахттаъсир, заҳрнок ва прекурсорҳо ҳатми мебошад.

Масъулияти дуруст ва саривақт пешниҳод намудани ҳисобот ба зиммаи роҳбарони муассиса ва ташкилотҳои соҳаи тандурустӣ новобаста аз шакли моликият ва тобеияти идоривияшон, ки барои қабул, нигоҳдорӣ, фурӯхтан (чакана ва яклухт), паҳкунӣ, истифодабарӣ (инчунин бо мақсади табобат, корҳои илмию таълимӣ, истифодабарӣ дар озмоишгоҳҳо ва дар соҳаи чорво), захира ва нобудсозии маводҳои дорӯгии нашъадор, моддаҳои психотропӣ, сахттаъсир, заҳрнок ва прекурсорҳо, гузошта мешавад.

**Тартиби пешниҳод намудани ҳисобот**

1. Муассиса ва ташкилотҳои соҳаи тандурустӣ новобаста аз шакли моликият ва тобеияти идоривияшон, ҳисоботи семоҳа ва солона оид ба қабул, нигоҳдорӣ, фурӯхтан (чакана ва яклухт), паҳкунӣ, истифодабарӣ (инчунин бо мақсади табобат, корҳои илмию таълимӣ, истифодабарӣ дар озмоишгоҳҳо ва дар соҳаи чорво), захира ва нобудсозии миқдори маводҳои

дорӯгии нашъадор, моддаҳои психотропӣ, сахттаъсир, заҳрнок ва прекурсорҳоро ба Муассисаи давлатии «Маркази миллии мониторинг ва пешгирии нашъамандӣ»-и Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, на дертар аз санаи 5-уми моҳи баъдии семоҳаи ҳисоботӣ ва ҳамасола то 10-уми январ маълумоти солона оид ба як соли пешро мутобиқ ба шаклҳои №2,3,4 пешниҳод намоянд.

2. Тибқи талаботи санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ қабул, нигоҳдорӣ, фурӯхтан (чакана ва яклухт), паҳкунӣ, истифодабарӣ (инчунин бо мақсади табобат, корҳои илмию таълимӣ, истифодабарӣ дар озмоишгоҳҳо ва дар соҳаи чорво), захира ва нобудсозии миқдори маводҳои дорӯгии нашъадор, моддаҳои психотропӣ, сахттаъсир, заҳрнок ва прекурсорҳоро дар муассиса ва ташкилотҳои соҳаи тандурустӣ новобаста аз шакли моликият ва тобеияти идоривияшон,пурра ба роҳ монда, тибқи талаботи банди 1 ба Муассисаи давлатии «Маркази миллии мониторинг ва пешгирии нашъамандӣ»-и Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, бояд ҳисобот пешниҳод намоянд.

3. Масъулияти дуруст ва саривақт пешниҳод кардани ҳисобот ба зиммаи роҳбарони муассиса ва ташкилотҳои соҳаи тандурустӣ новобаста аз шакли моликият ва тобеияти идоривияшон, ки барои воридот ва содироти маводҳои дорӯгии нашъадор, моддаҳои психотропӣ, сахттаъсир, заҳрнок ва прекурсорҳо масъул мебошанд, гузошта мешавад.

## Қисми шиносномавии ҳисобот

Барои риоя накардани тартиби пешниҳоди ҳисоботи муқарраргардида ва пешниҳод накардан ё саривақт пешниҳод накардан, инчунин нодуруст пешниҳод намудани ҳисобот ё дигар маълумоти зарурӣ, ки барои гузаронидани мониторинг, баҳодиҳӣ ва таҳлили вазъи нашъамандӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон зарур мебошад, мутобиқи талаботҳои санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ,роҳбарони муассиса ва ё ташкилот, ҷавобгар мебошанд!

## Тартиби пур намудани шакли ҳисоботӣ

1). Шакли ҳисоботии №2 бо пур кардани:

а) давраи ҳисоботи, номи муассисаи ҳисоботдиҳанда, суроғаи электронӣ ва суроғаи ҳуқуқии муассиса (телефон ва факс);

б) иҷозатнома

в) ҷадвал ки аз 10 сутунча иборат аст, бо тартиби пур кардан дар сутунчаи 1 - № рақами тартибӣ, сутунчаи 2 – номгӯи маводҳои доругии нашъадор, моддаҳои психотропӣ, сахттаъсир, заҳрнок ва прекурсорҳо, сутунчаҳои 3 ва 4 - захира дар аввали давраи ҳособотӣ (3 - миқдор, 4 – шакли маводи доругӣ), сутунчаҳои 5 ва 6 - воридот (5 - миқдор, 6 – шакли маводи доругӣ), сутунчаҳои – 7 ва 8 - содирот (7 - миқдор, 8 – шакли маводи доругӣ), сутунчаҳои – 9 ва 10 – захира дар охири давраи ҳисоботӣ (9 - миқдор, 10 – шакли маводи доругӣ) ва аз боло ба поён бо тартибаи муайян (маводҳои

доругии нашъадор, моддаҳои психотропӣ, сахттаъсир, заҳрнок ва прекурсорҳо);

г) маълумот дар сатрҳои зери ҷадвал бо дарҷ намудани ному насаби роҳбари муассиса бо имзои шахсӣ ва мӯҳри муассиса, ному насаб ва имзои шахси мутасаддӣ барои пешниҳоди ҳисоботҳо, рақами телефон ва санаи тартибдиҳии ҳисобот, ҷой карда мешавад.

2) Шакли ҳисоботии №3 бо пур кардани:

а) давраи ҳисоботи, номи муассисаи ҳисоботдиҳанда, суроғаи электронӣ ва суроғаи ҳуқуқии муассиса (телефон ва факс);

б) ҷадвал ки аз 10 сутунча иборат аст, бо тартиби пур кардан дар сутунчаи 1 - № рақами тартибӣ, сутунчаи 2 – номгӯи воситаҳои доругии нашъадор, моддаҳои психотропӣ, сахттаъсир, заҳрнок ва прекурсорҳо, сутунчаҳои 3 ва 4 - захира дар аввали давраи ҳособотӣ (3 - миқдор, 4 – шакли маводи доругӣ), сутунчаҳои 5 ва 6 - воридот (5 - миқдор, 6 – шакли маводи доругӣ), сутунчаҳои – 7 ва 8 - истифодагардида (7 - миқдор, 8 – шакли маводи доругӣ), сутунчаҳои – 9 ва 10 – захира дар охири давраи ҳисоботӣ (9 - миқдор, 10 – шакли маводи доругӣ) ва аз боло ба поён бо тартибаи муайян (маводҳои доругии нашъадор, моддаҳои психотропӣ, сахттаъсир, заҳрнок ва прекурсорҳо);

в) маълумот дар сатрҳои зери ҷадвал бо дарҷ намудани ному насаби роҳбари муассиса бо имзои шахсӣ ва мӯҳри муассиса, ному насаб ва имзои шахси мутасаддӣ барои пешниҳоди ҳисоботҳо, рақами телефон ва санаи тартибдиҳии ҳисобот, ҷой карда мешавад.

3)Шакли ҳисоботии №4 бо пур кардани:

а) давраи ҳисоботи, номи муассисаи ҳисоботдиҳанда, суроғаи электронӣ ва суроғаи ҳуқуқии муассиса (телефон ва факс);

б) ҷадвал ки аз 6 сутунча иборат аст, бо тартиби пур кардан дар сутунчаи 1 - № рақами тартибӣ, сутунчаи 2 – номгӯи воситаҳои доругии нашъадор, моддаҳои психотропӣ, сахттаъсир, заҳрнок ва прекурсорҳо, сутунчаи 3 - миқдор, сутунчаи 4 – шакли маводи доругӣ, сутунчаи 5 – моддаи холис (маводи доругии таъсиркунанда) ва сутунчаи 6 – сабаби нобудсозӣ ва аз боло ба поён бо тартибаи муайян (маводҳои доругии нашъадор, моддаҳои психотропӣ, сахттаъсир, заҳрнок ва прекурсорҳо);

в) маълумот дар сатрҳои зери ҷадвал бо дарҷ намудани ному насаби роҳбари муассиса бо имзои шахсӣ ва мӯҳри муассиса, ному насаб ва имзои шахси мутасаддӣ барои пешниҳоди ҳисоботҳо, рақами телефон ва санаи тартибдиҳии ҳисобот, ҷой карда мешавад.

Шакли №2

Тартиби ташкили мониторинг, баҳодиҳӣ ва таҳлиливазъи нашъамандӣ, ки бо ФАРМОИШИ Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз «___»________2019сол, №_____ тасдиқ шудааст

# ҲИСОБОТ
# ОИД БА МУОМИЛОТИ МАВОДҲОИ ДОРӮГИИ НАШЪАДОР, МОДДАҲОИ ПСИХОТРОПӢ, САХТТАЪСИР, ЗАҲРНОК ВА ПРЕКУРСОРҲО АЗ МУАССИСАИ ДОРУХОНАГӢ БАРОИ СОЛИ 20___

Давра _________

________________________________________________________________________________________________

(номи муассиса/идора/ташкилот)

________________________________________________________________________________________________

Суроғаи электронӣ ________________________________________________________________________________

Суроғаи муассиса _________________________________________________________________________________

________________________________________________________________________________________________

(суроға, телефон, факс)

Иҷозатнома_______________________________________________________________________________________

________________________________________________________________________________________________

| № р/т | Номгӯи маводи доругии нашъадор, психотропӣ, сахттаъсир, заҳрнок ва прекурсорҳо | Захира дар аввали давраи ҳисоботӣ | | Воридот | | Содирот | | Захира дар охири давраи ҳисоботӣ | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | Миқдор | Шакли маводи доругӣ | Миқдор | Шакли маводи доругӣ | Миқдор | Шакли маводи доругӣ | Миқдор | Шакли маводи доругӣ |
| 1 | 2 | 3 | 4 | 5 | 6 | 7 | 8 | 9 | 10 |
| ВОСИТАҲОИ НАШЪАДОР | | | | | | | | | |
| 1 | | | | | | | | | |
| | | | | | | | | | |
| МОДДАҲОИ ПСИХОТРОПӢ | | | | | | | | | |
| 1 | | | | | | | | | |
| | | | | | | | | | |
| МОДДАҲОИ САХТТАЪСИР ВА ЗАҲРНОК | | | | | | | | | |
| 1 | | | | | | | | | |
| | | | | | | | | | |
| ПРЕКУРСОРҲО | | | | | | | | | |
| 1 | | | | | | | | | |
| | | | | | | | | | |

Роҳбари муассиса ________________________ ________________ Ҷ.М.

(Ному насаб) (имзо)

Шахси мутасаддӣ

оид ба ҳисобот ____________________ _________________________ _________________

(вазифа) (ному насаб.) (имзо)

__________________ «___»_____________________200__сол.

( рақами телефон) (санаи тартибдиҳӣ)

Шакли №3

Тартиби ташкили мониторинг, баҳодиҳӣ ва таҳлили вазъи нашъамандӣ, ки бо ФАРМОИШИ Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз «___»________2019сол, №_____ тасдиқ шудааст

# ҲИСОБОТ
# ОИД БА ИСТИФОДАБАРИИ МАВОДҲОИ ДОРӮГИИ НАШЪАДОР, МОДДАҲОИ ПСИХОТРОПӢ, САХТТАЪСИР, ЗАҲРНОК ВА ПРЕКУРСОРҲО АЗ МУАССИСАҲОИ ТАБОБАТИЮ ПЕШГИРӢ ДАР СОЛИ 20___

Давра _________

______________________________________________________________________________________

(номи муассиса/идора/ташкилот)

______________________________________________________________________________________

Суроғаи электронӣ _____________________________________________________________________

Суроғаи муассиса ______________________________________________________________________

______________________________________________________________________________________

(суроға, телефон, факс)

| № р\т | Номгӯи маводи доругии нашъадор, психотропӣ, сахттаъсир, заҳрнок ва прекурсорҳо | Захира дар аввали давраи ҳисоботӣ | | Воридот | | Истифодагардида | | Захира дар охири давраи ҳисоботӣ | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | Миқдор | Шакли маводи доругӣ | Миқдор | Шакли маводи доругӣ | Миқдор | Шакли маводи доругӣ | Миқдор | Шакли маводи доругӣ |
| 1 | 2 | 3 | 4 | 5 | 6 | 7 | 8 | 9 | 10 |
| ВОСИТАҲОИ НАШЪАДОР | | | | | | | | | |
| 1 | | | | | | | | | |
| | | | | | | | | | |
| МОДДАҲОИ ПСИХОТРОПӢ | | | | | | | | | |
| 1 | | | | | | | | | |
| | | | | | | | | | |
| МОДДАҲОИ САХТТАЪСИР ВА ЗАҲРНОК | | | | | | | | | |
| 1 | | | | | | | | | |
| | | | | | | | | | |
| ПРЕКУРСОРҲО | | | | | | | | | |
| 1 | | | | | | | | | |
| | | | | | | | | | |

Роҳбари муассиса ________________________ ________________ Ҷ.М.

(Ному насаб) (имзо)

Шахси мутасаддӣ
оид ба ҳисобот ____________________ _________________________ _________________

(вазифа) (ному насаб.) (имзо)

__________________ «___»_____________________200__сол.

( рақами телефон) (санаи тартибдиҳӣ)

Шакли №4

Тартиби ташкили мониторинг, баҳодиҳӣ ва таҳлиливазъи нашъамандӣ, ки бо ФАРМОИШИ Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз «___»________2019сол, №_____ тасдиқ шудааст

# ҲИСОБОТ
# ОИД БА НОБУДСОЗИИ ВОСИТАҲОИ НАШЪАДОР, МОДДАҲОИ ПСИХОТРОПӢ, САХТТАЪСИР, ЗАҲРНОК ВА ПРЕКУРСОРҲО АЗ МУАССИСАҲОИ ТАБОБАТИЮ ПЕШГИРӢ ВА МУАССИСАИ ДОРУХОНАГӢ ДАР СОЛИ 20___

Давра _________

______________________________________________________________________________

(номи муассиса/идора/ташкилот)

______________________________________________________________________________

Суроғаи электронӣ ____________________________________________________________

Суроғаи муассиса _____________________________________________________________

______________________________________________________________________________

(суроға, телефон, факс)

| № р\т | Номгӯи маводи доругии нашъадор, моддаҳои психотропӣ, сахттаъсир, заҳрнок ва прекурсорҳо | Миқдор | Шакли маводи доругӣ | Моддаи холис | Сабаби нобудсозӣ |
|---|---|---|---|---|---|
| 1 | 2 | 3 | 4 | 5 | 6 |
| ВОСИТАҲОИ НАШЪАДОР | | | | | |
| 1 | | | | | |
| | | | | | |
| | | | | | |
| МОДДАҲОИ ПСИХОТРОПӢ | | | | | |
| 1 | | | | | |
| | | | | | |
| | | | | | |
| МОДДАҲОИ САХТТАЪСИР ВА ЗАҲРНОК | | | | | |
| | | | | | |
| | | | | | |
| | | | | | |
| ПРЕКУРСОРҲО | | | | | |
| 1 | | | | | |
| | | | | | |
| | | | | | |

Роҳбари муассиса ___________________________ _________________ Ҷ.М.
(Ному насаб) (имзо)

Шахси мутасаддӣ
оид ба ҳисобот ______________________ ____________________________ ___________________
(вазифа) (ному насаб.) (имзо)

____________________ «___»_______________________200__сол.
рақами телефон) (санаи тартибдиҳӣ)

Замимаи 3
ба фармоиши Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон
аз «____»________ с.2019, №_____

**ҲИСОБОТ
ОИД БА БАҚАЙДГИРӢ ВА ХИЗМАТРАСОНИИ БЕМОРОНИ НАШЪАМАНД ВА ФАВТИ АЛОҚАМАНД БО ЗИЁДЗАҲРОЛУДШАВӢ**

